

ФОТО: ГАЛИЯ ДАНИЯРОВАD

# ЛОИҲАИ USAID НЕРӮИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Осиёи Марказӣ дорои потенсиали бойи манбаҳои барқароршавандаи энергия буда, дорои имкониятҳои бузург барои баланд бардоштани самаранокии энергия ва асос барои тақвият додани ҳамгироии минтақавӣ дар соҳаи энергетикаро дорад. Лоиҳаи USAID "Нерӯи Осиёи Марказӣ" ба панҷ мамлакати Осиёи Марказӣ - **Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон** – барои ноил шудан ба афзалиятҳои миллӣ ва минтақавии онҳо дар соҳаи бехатарии энергетикӣ, инчунин, дастрас намудани нафъи иқтисодӣ аз харидуфурӯши нерӯи барқ ёрӣ мерасонад. Лоиҳа барои ҳал намудани се масъалаи калидӣ бо ҳукуматҳои миллӣ ва ҷонибҳои манфиатдор дар соҳаи энергетика ҳамкории зич дорад:

| ИСЛОҲОТИ СОДДАГАРДОНИИ БОЗОРИ МИЛЛӢ | НЕРӮИ ТОЗА | БОЗОРИ МИНТАҚАВИИ НЕРӮИ БАРҚ |
|---|---|---|
| Лоиҳаи USAID "Нерӯи Осиёи Марказӣ" кишварҳои Осиёи Марказиро барои таҷдиди назар кунонидани **стратегияҳои миллии энергетикӣ** ва таҳия намудани шакли қулайи бозор, аз ҷумла асоси ҳуқуқӣ, институтсионалӣ, меъёрӣ ва техникӣ дастгирӣ мекунад. USAID инчунин дар таҳия намудани методологияи тарофагузорӣ бо дарназардошти нишондоди хароҷотҳо фаъолият намуда, барои азнавкунонии корхонаҳо ва бехатарии киберӣ мусоидат менамояд. | Дастгирии кӯшишҳои ҳукуматҳои кишварҳои Осиёи Марказиро вобаста ба васеъкунонии **ҳаҷми энергияи тоза ва барқароршаванда** дар минтақа ба воситаи таҳия намудани стратегияҳо ва расонидани ёрӣ дар якҷоякунонии энергияи тоза ва самаранокии энергия дар банақшагирии энергетикӣ дастгирӣ менамояд. USAID сармоягузории бахши хусусиро ба соҳаи нерӯи барқи тоза ва энергияи барқароршаванда дастгирӣ менамояд. | Лоиҳа дар асоси дастгирии дарозмуддати **ҳамгироии минтақавии энергетикӣ** аз ҷониби USAID асос гирифта, фурӯши байнисарҳадии нерӯи барқ ва дастрасии кушодро ба шабакаҳои истеҳсол ва интиқоли барқ таъмин мекунад. Лоиҳаи USAID "Нерӯи Осиёи Марказӣ" инчунин дар таҳияи модели минтақавии нерӯи барқ фаъолият намуда, асосҳои техникӣ ва бозориро ҳамоҳанг мекунонад. |

**ҚАЗОҚИСТОН.** USAID барои таҷрибакунонии технологияҳои нав ва таҷрибаи беҳтарини байнахалқӣ мусоидат мекунад. Масалан, низоми пешниҳоднамудаи ҳисобкунакҳои ҳушманд барои беҳтар намудани сифати таъминоти барқи **182055 муштарӣ** мусоидат кунад. Дастгирии озмунҳои манбаъҳои барқароршавандаи нерӯ арзиши барқи бодиро то **2,6 сент барои кВт/соат,** паст намуд, ки ин яке аз нишондиҳандаҳои беҳтарин дар минтақа ба ҳисоб меравад. Таҳиякунандагон **$2,24 млрд.** сармояи хусусиро ба лоиҳаҳои нав ҷалб намуда, партовҳои пешгуишавандаи газҳои буғии $CO_2$ дар ҳаҷми **60,28 миллион тонн** то соли 2030 коҳиш меёбад.

**ҶУМҲУРИИ ҚИРҒИЗИСТОН.** USAID муносибатхои шарикиро бо Вазорати энергетика бо мақсади гузаронидани ислоҳоти соҳаи энергетика ва дастгирии гузариш ба энергияи тозаро тақвият медиҳад. Ин раванд дар худ таҳлили чолишҳои алоқаманд ба пайвасткунии иншоотҳои манбаъҳои барқароршавандаи нерӯ, интихоб намудани нуқтаҳои беҳтарин барои лоиҳаҳои нав, таҳияи **Созишнома дар бораи хариди нерӯи барқ,** инчунин амалӣ намудани лоиҳаҳои хурдмиқёс, ба монанди насб намудани **панелҳои офтобӣ дар бомҳо**, ки фоидаи тавлиди нерӯи барқро аз манбаъҳои барқароршаванда нишон медиҳад. USAID инчунин Вазоратро дар ташкил намудани **Шӯрои гендерӣ** ва **таҳияи ду адад веб-платформаҳо** барои беҳтар намудани сифати хизматрасониҳо ва пурзӯр намудани шаффофияти фаъолияти худ ва муштариёнро дастгирӣ намуд.

**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.** USAID барои таҳия намудани модели системаи энергеткӣ, кам намудани талафот, саҳҳомикунонии ширкатҳои энергетикӣ, пешбурди озмунҳои манбаҳои барқароршавандаи нерӯ, инчунин таҳия ва амали намудани лоиҳаҳои таҷрибавии иншоотҳои манбаҳои барқароршавандаи нерӯ ва низоми нигоҳдории нерӯи барқ кӯмак менамояд. USAID ва Вазорати энергетика ва захираҳои об инчунин барои таҳия намудани **Нақшаи амал** барои соҳаи энергетика бо мақсади азнакунонии бозори энергетикии Тоҷикистон ба мувофиқа расиданд.

**ТУРКМАНИСТОН.** USAID барои муайян намудани имкониятҳо барои амалисозии лоиҳаҳои манбаъҳои барқароршавандаи нерӯ, таҳияи **стратегияи фарогир оид ба кам намудани партовҳои углеродӣ барои соҳаи энергетика,** инчунин кам намудани партовҳои метан дар соҳаи нафту газ мусоидат менамояд. Лоиҳа дар якҷоягӣ бо Ҳукумат барои рушди потенсиали савдои байнисарҳадии нерӯи барқ ва хизматрасониҳои ёрирасон амал менамоянд.

**УЗБЕКИСТОН.** USAID ба танзимгари нави бозор ва бозори нави нерӯи барқ ба воситаи амалӣ намудани лоиҳаҳои таҷрибавӣ оид ба тақсимоти барқ (аз ҷумла, панелҳои офтобӣ дар бомҳо), беҳтар намудани идоракунии корпоративии соҳаи энергетика, дастгирии пешгӯикунии манбаъҳои барқароршавандаи нерӯ ва интеграсияи онҳо, инчунин тадқиқоти технологияҳои муосири водородӣ барои ноил шудан ба мақсадҳои партовҳои углеродӣ ва ба воситаи савдои байнисарҳадии хизматрасониҳои ёрирасон. Инчунин, Лоиҳа таҳияи **Дастурамалро барои сармоягузорони манбаъҳои барқароршавандаи нерӯро** дастгирӣ намуд.

**МИНТАҚА.** USAID савдои минтақавӣ ва байнисарҳадии нерӯи барқро дастгирӣ менамояд. USAID **Форуми минтақавии энергияи тозаро** роҳандозӣ намуд, ки дар он **300 намояндаи соҳаи энергетика иштирок доштанд.** USAID инчунин шарикиро байни ширкатҳои ИМА ва институтҳои маҳаллиро ба воситаи ба истифода додани **Маркази инноватсионии Амрико дар Осиёи Марказӣ** бо роҳи ҳамкорӣ байни Донишгоҳи техникии Тошкент ва Донишгоҳи Делавэр бо мақсади таҳияи барномаи нави таҳсил оид ба **водороди сабз** ва ҷалб намудани ширкати General Electric Digital барои харид намудани видеодевор барои системаи минтақавии SCADA ба роҳ меандозад.

## НАТИҶАҲО

**25 ҲУҶҶАТ ПЕШНИҲОД КАРДА ШУДААСТ, АЗ ОНҲО 9 ҚАБУЛ ВА АЗ ҶОНИБИ ҲУКУМАТҲО ТАТБИҚ КАРДА ШУДААНД**

**$2,24 МИЛЛИАРД САРМОЯИ ВАЪДАШУДАГӢ**

**624 МЕГАВАТТ ЭНЕРЕГИЯИ ТОЗА + 2883 МВт АЗ ГАЗ ТАВЛИД КАРДА ШУДААСТ**

**11 МЛН. ТОННА $CO_2$ БА АТМОСФЕРА ПАРТОВ НАШУД**

**87 ИНСТИТУТ ДАСТГИРӢ КАРДА ШУДАНД**

**1,688 ЭНЕРГЕТИК БА ТАҲСИЛ ФАРО ГИРИФТА ШУДАНД**

**ТАМОС**
**Патрик Е. Майер**
Мушовир оид ба энергетика, миссияи минтақавии USAID дар Осиёи Марказӣ, Алмато, Қазоқистон
pmeyer@usaid.gov

**ДАСТГИРИИ БАЙНИСОҲАВӢ.** Пешниҳод намудани дастгирӣ ба воситаи ташаббусҳои Гендерӣ ва омӯзишӣ. Маблағгузории идрор дар Магистратура оид ба электроэнергетика барои дастгирии мутахассисони ҷавон. Инчунин **Шабакаи менторӣ барои занҳо ва ҷавонон** ҷиҳати пешбурди баробарии гендерӣ ва фарогирии иҷтимоӣ роҳандозӣ карда шудааст.

**ДАВРАИ ТАТБИҚ** октябр 2020 – сентябр 2025 **БУҶЕТ** $39 миллионов